«Тасдиқ мекунам»
Муассиси МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
Х. ИМ Ибодов Ҳабибулло
«09» 01 соли 2021, №04-06

«Мувофиқа карда шуд»
Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон
«__»____соли 2021, №__

# НИЗОМНОМАИ МАҶАЛЛАИ «ПАЁМИ ДОНИШКАДАИ ТИББӢ – ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

ш.Душанбе - 2021

## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Маҷаллаи «Паёми Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», ки минбаъд «Маҷалла» номида мешавад, маҷаллаи илмӣ, илмӣ-амалӣ, иттилоотӣ ва тиббию фармасевтӣ буда, фаъолияти он аз нашри маводи қолиби илмӣ ва ошно сохтани хонандагон бо навигариҳои илми тиббӣ ҷумҳурӣ ва ҷаҳон махсусан оиди сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ, густариши дониши тиббӣ, мунтазам бурдани ташвиқоту тарғиботи ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ, боло бурдани савияи донишу фарҳанги он созмон дода мешавад.

1.2. Дахолат ба кори муассис ва фаъолияти маҷалла манъ карда шудааст. Танҳо мақомоти салоҳиятдор метавонад фаъолияти маҷалларо мавриди санҷиш қарор диҳад.

1.3. Маҷалла бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ чоп карда мешавад.

1.4. Муассиси маҷаллаи «Паёми Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон» шаҳрванд Ибодов Ҳабибулло мебошад.

1.5. Маҷалла дорои ҳуқуқи юридики буда, мӯҳр ва номи худро дорад.

1.6. Маҷалла фаъолияти худро мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

1.7. Маҷалла шахси ҳуқуқи набуда ба муассиси МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» тобеъ буда, соҳиби номи мустаъқил, баланс, суратҳисоб, амволи алоҳида мебошад. Инчунин маҷалла муҳри мудаввар, штампи секунҷа, рамз, нишонаҳои нашриётӣ ва молиявӣ дорад.

1.8. Нишонаи маҷалла: Ҷумҳурии Тоҷикистон, индекс 734024, ш.Душанбе, кучаи Клара Сеткина 2.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ МАҶАЛЛА

2.1. Мақсад ва вазифаҳои маҷалла чунин мебошад:

- аз манбаҳои мухталифи марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, расонаҳои хабарии дохилӣ ва хориҷӣ гирифтан ва ба кормандони соҳаи тандурустию фармасевтӣ ва аҳолии кишвар расонидани иттилооти тиббӣ-фармасевтӣ бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ;
- инъикоси дастовардҳо, тарғиби ташаббус ва таҷрибаҳои беҳтарини соҳаҳои тиббию фармасевтии кишвар;
- дар ҳудуди салоҳияти худ ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам такмил додани сифати ҳамкорӣ бо ташкилотҳои дохилӣ ва байналмилалии соҳавӣ аз рӯйи масъалаҳои дастовардҳои илмиву техникӣ, тиббӣ-амалӣ ва фармасевтӣ;
- мунтазам бурдани ташвиқоту тарғиботи ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ, боло бурдани донишу фарҳанги онҳо;
- ҳифз ва афзун намудани арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва илмии ҷомеа;
- мусоидат ба таҳким ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии тиббӣ ва иттилоотии аҳолӣ;
- барқарор намудани робитаҳои доими бо созмону ҳаракатҳо ва нашрияҳои хориҷи кишвар доир ба муаммоҳои мухталифи соҳаи тиббию фармасевтӣ.

2.2. Маҷалла ҳуқуқ дорад, дар ҳар манотиқи муносиб намояндаҳои худро дошта бошад, инчунин ба воситаи шабакаи интернет, радио, телевизионҳои дохилию хориҷӣ ва оҷонсиҳои мухталифи иттилоотрасонӣ, иттилооти муосир дарёфт намуда, онҳоро дар саҳифаҳои журнал истифода барад.

2.3. Маҷалла ҳуқуқи дар саҳифаҳои маҷалла нашр намудани реклама ва эълонҳоро дорад.

2.4. Маҷалла ҳақ дорад иттилооти аз манбаъҳои гуногуни иттилоотрасони дарёфт намударо ба забонҳои дигар аз ҷумла забони давлатӣ ва русӣ тарҷума намуда, баъдан дар саҳифаҳои маҷалла нашр намояд.

2.5. Дар давоми сол аз ҳисоби маблағҳои пешбинишуда ҳавасманд гардонидани ходимон ва кормандони беҳтарини илми тиб.

2.6. Васеъ истифода бурдани шаклҳои гуногуни коргузорӣ (кор бо шартнома, кор аз рӯйи соҳаҳо, кор бо шуъбаҳо ва ғайра).

2.7. Дар доираи муайян ҳамкорӣ намудан бо дигар иттифоқҳои эҷодӣ ва созмонҳои хабарнигорону нашрияҳои хориҷӣ ва ҳамсоя.

## 3. ИДОРАКУНИИ МАҶАЛЛА

3.1. Сармуҳаррири маҷалла аз тарафи муассис ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

3.2. Сармуҳаррир маҷалларо идора намуда, фаъолияти ҷорӣ ва доимии онро таъмин менамояд.

3.3. Сармуҳаррир барои фаъолияти молиявии маҷалла пурра ҷавобгар аст.

3.4. Сармуҳаррир ба муассис оид ба масъалаи фаъолияти маҷалла, барномаҳои он, ҳолати молиявӣ ва пулии он ҳисобот медиҳад.

3.5. Идома додани фаъолияти маҷалла ё таътили онро муассис муқаррар менамояд.

3.6. Ҳайати таҳририя, ҷонишини сармуҳаррир, котиби масъул аз ҳисоби мутахассисони беҳтарини соҳа хоста гирифта мешавад.

3.7. Муассис тарҳи маҷалла, теъдоди он, дизайн, мавзӯъ ва мундариҷаи маҷалларо тасдиқ мекунад.

## 4. ВАЗИФА, ҲУҚУҚҲОИ САРМУҲАРРИР

4.1. Таъмин намудани нақшаҳои ҷорию дурнамои идораи маҷалла ва иҷрои қарорҳои муассис.

4.2. Ҷавобгарии пурра барои молу ашё ва маблағҳои пулии дар идора буда.

4.3. Аз номи идора таҳия ва ба муассис барои имзо пешниҳод намудани шартнома ва созишномаҳо.
4.4. Дар асоси қоидаву тартиботи муайяншудаи ҷорӣ ба муассис пешниҳод намудани кормандон барои қабул кардани онҳо ба кор ва ё аз кор озод намудани онҳо. Тарзи корбарии редаксияро муайян намуда, дар доираи маблағҳои ҷудо шуда, маоши моҳонаро бо ҳамоҳангии муассис муқаррар намуда, дар он ҳиссагузории ҳар як корманд, маълумот, дараҷаи эҷодкории онҳо ба назар гирифта мешавад.
4.5. Дар муайян намудани номгӯи воҳидҳои корӣ аз руйи равияи фаъолият, редаксия дар доираи фонди музди кор мустақилона амал менамояд.
4.6. Ҳамчун намояндаи редаксия ҳуқуқ дорад бо муассиса ва ташкилотҳои дигар дар муносибат бо органу ташкилотҳои гуногун, чӣ дар дохили мамлакат ва дар хориҷи он баромад намуда робитаи бевосита муқаррар намуда, манфиати маҷалларо ҳимоя ва муҳофизат намояд.
4.7. Барои дурустии мақола ва маводҳои чопшаванда тибқи қонуни матбуот ҷавобгӯ мебошад.
4.8. Аз рӯйи ҳамаи масъалаҳои редаксия, ки ба ваколату вазифаи вай мувофиқ мебошад, қарору фармоиш баровардa метавонад.
4.9. Сармуҳаррир вазифадор аст як маротиба дар як сол аз фаъолияти маҷалла дар назди муассис ҳисобот диҳад.

## 5. МАҚОМИ НАШРИЯ

5.1. Ҳайати таҳририя ва эҷодии маҷалла барои 5 сол таъин карда мешавад.
5.2. Маҷлисҳои он ҳар се моҳ як маротиба ва дар ҳолати зарури ҳар моҳ гузаронида шуда, суратҷаласа тартиб дода мешавад.
5.3. Сармуҳаррир метавонад бо қарори худ самтҳои нави амалиёти редаксияро маълум кунад.
5.4. Роҳҳои ташкил ва истифодаи фондҳои ҳавасмандгардониро дар асоси қоида ва дастурамалҳои амалкунандаи ҷорӣ маълум намуда онҳоро бо

қарори муассис тақсим менамояд, роҳҳои пушонидани зиёнро муайян месозад.

## 6. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИИ НАШРИЯ

6.1. Нашрия мутобиқи тартиби муқарраршуда бо корхонаву муассисаҳо, ташкилотҳо ва ашхоси алоҳида метавонад мустақилона амал намояд.

6.2. Нашрия аз кумаки сарпарастон, маблағҳои хайриявии корхонаву муассисаҳои давлативу хусусӣ, ашхоси алоҳида ва инчунин аз грантҳои (маблағҳои бе бозгаштӣ) созмонҳои байналмилалӣ бархурдорӣ намояд.

6.3. Нашрия созмону ташкилот ва муассисаҳои байналмилалӣ, муассисаву анҷуманҳои адабию фарҳангии мамолики хориҷи, инчунин сафоратхонаҳои муқимии кишварҳои хориҷии дар Тоҷикистон фаъолият дошта, ҳамкорӣ намояд ва аз маблағи онҳо истифода барад.

6.4. Ҳисобу китоби фаъолияти молиявии маҷалла дар асоси тартиботи муқарраргардида пеш бурда мешавад. Тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагидории нашрия дар як сол як маротиба аз ҷониби муассис гузаронида мешавад.

6.5. Нашрия ба молу мулки дар ихтиёр гузошташуда дар доираи қонунҳои амалкунандаи ҷорӣ мутобиқи мақсади фаъолияти хеш, супоришҳои муассис ва таъминоти молу мулк ҳуқуқи тасарруф, истифода ва соҳибихтиёриро дорад.

6.6. Аз рӯйи қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ бо корхонаю ташкилот, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандони алоҳида метавонад шартномаю созишномаҳо бандад, аз онҳо кӯмакҳои молиявӣ қабул намояд, шартномаҳои ҳамкорию мададгорӣ бандад: барои иҷрои онҳо ҳаматарафа истеҳсоли маҳсулоти чопиро ба роҳ монда, дар корҳои ташкилӣ, чорабиниҳои умумӣ аз рӯйи шартномаи ҳамкорӣ ёрӣ расонад.

6.7. Дар ҳолатҳои лозимӣ барои ҳуқуқҳои худ, барои равшани андохтан ба ҳадди масъалаҳои ба он вобаста буда метавонад дар ташкилотҳои дахлдор аз ҷумла суд, ҳакама (арбитраж) ва дигар ташкилотҳо ба ҳайси даъвогар ва ё ҷавобгар баромад кунад.

6.8. Нашрия мустақилона нақшаи чопро таҳия ва тасдиқ намуда, бо ташкилоту корхонаҳо шартнома мебандад, масъалаҳои таъмини моддӣ-техникиро ҳал менамояд.

6.9. Муассиси нашрия мустақилона фондҳоро маълум намуда, онҳоро аз рӯйи салоҳдиди худ истифода мебарад.

6.10. Муассиси нашрия мустақилона система ва ҳаҷми музди меҳнатро муайян намуда, ба он метавонад ҳама намудҳои ҳавасмандгардонӣ, иловапулиҳоро ҳамроҳ намояд. Фақат дар вақти муайян кардани маош ҳиссагузории ҳар як корманд ва ё ходим дар кори редаксия ба назар гирифта мешавад. Агар редаксия бо хориҷа алоқаи иқтисодию фарҳангӣ муайян кардани бошад, пас он бояд дар доираи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирад.

## 7. ТАЪМИНИ МОДДӢ-ТЕХНИКӢ ВА ВОСИТАҲОИ НАШРИЯ

7.1. Базаи моддию техникӣ ва фондҳои асосии воситаҳои гардишии нашрия аз ҷониби муассис ба нашрия пешниҳод карда мешавад. Редаксия барои дуруст ва мувофиқи вазифаашон истифода бурдани онҳо кор мебарад.

7.2. Аз рӯйи ӯҳдадориҳои ба худ гирифта редаксия барои тамоми моликияти дар ихтиёрдошта масъул аст. Тамоми молу мулки мавҷуда аз тарафи муҳосибот ба коркунони алоҳида вобаста карда мешавад. Бо мақсади муайян намудани ҳолати молу чиз ва таҷҳизот дар аввали саршавии ҳар сол инвентаризатсия гузаронида мешавад.

## 8. МАСЪАЛАҲОИ ДИГАРИ НАШРИЯ

8.1. Сметаи хароҷоти ҳарсолаи хароҷотҳо дар нашрия аз тарафи сармуҳаррир тартиб дода шуда, сари вақт барои тасдиқ ба муассис пешниҳод карда мешавад. Бо мақсади боз ҳам наздик гардидани рӯзнома бо обуначиён ва коллективҳои меҳнатӣ дар сметаи хароҷоти солона барои гузаронидани чорабиниҳои ташкилӣ, озмуни маҷаллавӣ дар мавзуъҳои гуногун, барои ташкилотчиёну паҳнкунандагони маҷалла дар давраи маъракаи

обунашавӣ, ҳавасмандгардонии мухбирони ғайриштатӣ маблағҳои махсус пешбинӣ карда мешавад.

Ҳисобу китоб дар нашрия аз тарафи муҳосиби маҷалла, ки аз тарафи сармуҳаррир тайин карда мешавад, мувофиқи тартиботи мавҷуда гузаронида мешавад.

## 9. БАРҲАМДИҲӢ

9.1. Барҳам додани нашрия аз тарафи муассис ба амал баровarда мешавад. Барҳамдиҳӣ ва аз нав ташкилдиҳии нашрия тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонун «Дар бораи матбуот ва воситаҳои дигари ахбори омма» аз тарафи муассис ва ҳам нашрия қатъӣ риоя карда шавад.

9.2. Барҳам додани нашрия аз ҷониби муассис дар сурати ғайримақсаднок истифода бурдани маблағҳо, пайдо нашудани воситаҳои молиявӣ ва ё аз ҷониби мақомоти суди дар сурати вайрон кардани қонунгузории ҷорӣ ва ё Низомномаи мазкур ба амал баровarда мешавад.

9.3. Ҳангоми барҳамдиҳӣ тамоми ҳуқуқҳои меҳнатие, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз кор озод намудан муқаррар кардааст, риоя карда мешаванд. Баъди пардохтани ҳамаи навъҳои андоз ва ҳисоби кардани қарзҳо, боқимонда маблағ дар якҷояги бо амволи боқимонда ба ихтиёри муассис мегузарад.

9.4. Илова ба тағйирот ба Низомномаи мазкур баъди тасдиқи он бо тартиби муқаррargardида иҷозат дода мешавад.

9.5. Низомномаи мазкур пас аз тасдиқи расмиаш мавриди амал қарор дода мешавад.

Низомнома дар Шурои олимони донишкада «28» октябри соли 2020 (протоколи № 4/4) баррасӣ гардида, маъқул дониста шудааст.